ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ БОХТАР

# ҚАРОР

аз « 28 » декабри соли 2017, № 240 ш. И.Сомонӣ

Дар бораи буҷети ноҳияи
Бохтар дар соли 2018

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар, даъвати панҷум

## ҚАРОР МЕКУНАД

1.Ҳаҷми умумии буҷети ноҳия дар соли 2018 аз рӯи даромад ба маблағи 77819230 сомонӣ, аз он ҷумла маблағи мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 36212024 сомонӣ ва аз буҷети вилоя 5200000 сомонӣ, даромади буҷети маҳаллӣ 35857012 ва касри буҷет ба маблағи 550194 сомонӣ тасдиқ карда шавад.

| | |
|---|---|
| Даромад (ҳамагӣ): | 77819230 сомонӣ |
| аз он ҷумла: | |
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 10863542 сомонӣ |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 11806940 сомонӣ |
| Андоз аз амволи гайриманқул | 2645700 сомонӣ |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 3338890 сомонӣ |
| Андози низоми соддакардашуда | 4196500 сомонӣ |
| Аксизҳо | 4000 сомонӣ |
| Андоз барои захираҳои табии | 61800 сомонӣ |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 1980640 сомонӣ |
| Боҷи давлатӣ | 890400 сомонӣ |
| Пардохтҳои ғайри андози маҳаллӣ ва даромади маблағҳои мақсаднок | 68600 сомонӣ |
| Хароҷотҳо ҳамагӣ: | 77819230 сомонӣ |
| аз он ҷумла: | |
| Мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | 2623000 сомонӣ |
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (оташнишонӣ) | 412044 сомонӣ |
| Хароҷотҳо оиди мудофиа (комиссарияти ҳарбӣ) | 263401 сомонӣ |
| соҳаи маориф | 53338654 сомонӣ |
| соҳаи тандурустӣ | 18450730 сомонӣ |
| - маркази минтақави ёрии иҷтимоӣ | 479930 сомонӣ |
| - ҷубронпулии мактаббачагон | |
| - иштирокчиён ва маъюбони садамаи атомии «Чернобил» | 105020 сомонӣ |

Соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ 350000 сомонӣ
Соҳаи фарҳанг 1333050 сомонӣ
аз он ҷумла:
- чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ 1281050 сомонӣ
- чорабиниҳои варзишӣ 52000 сомонӣ
- барои матбуот 64640 сомонӣ
Соҳаи хоҷагии қишлоқ 253006 сомонӣ
Фонди захиравии раиси ноҳия 179285 сомонӣ

2.Барои соли 2018 фоизи маблағгузорӣ аз андозҳо ва даромадҳои умумии давлатӣ аз андозсупорандагоне, ки дар ҳудуди ноҳия ҷойгир шудаанд, ба буҷети маҳаллии ноҳия ва буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи зерин муқаррар карда шавад.

-андози даромад аз шахсони воқеи 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-андоз аз моликияти ғайриманқул 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-андоз аз арзиши иловашуда 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-андоз аз истифодабарандағони роҳҳои автомобилгард 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ
-андоз бо услуби соддакардашуда пардохтшаванда 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-боҷи давлатӣ 100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ
-дигар даромадҳои ғайриандозӣ100 фоиз ба буҷети маҳаллӣ

3.Фонди захиравии раиси ноҳия барои соли 2018 ба маблағи 179285 сомонӣ тасдиқ карда шавад.

4.Муқаррар карда шавад, ки ҳаҷми маблағҳои мақсаднок (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия ба маблағи 36212024 сомонӣ ва аз буҷети вилоят ба маблоғи 5200000 сомонӣ тасдиқ карда шавад. Маблағҳои мақсаднок (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия барои мувозинати даромад ва хароҷотҳо ҷудо карда мешавад.

5. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2018 ҳамагӣ ба маблаги 29308442 сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ба маблағи 13134646 сомонӣ, аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба маблағи 16173796 сомонӣ тасдиқ карда шавад.

6.Маблағи нақдигардони хазинавии буҷети ноҳиявӣ ба 1 январи соли 2019 ба маблағи 5808133 сомонӣ тасдиқ карда шавад.

7.Ба маълумот гирифта шавад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли 2018:

- 20 % маблағҳо аз иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба «Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт» равона карда шавад.

- ба раёсати молияи ноҳия иҷозат дода мешавад, ки дар соли 2018 бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет аз ҳисоби фоиз аз рӯи депозитҳои буҷети маҳаллӣ, ки ба 1-январи соли 2018 ба вуҷуд омадааст, онро бо тариқи муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар филиали

№54-и бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳия ба муҳлати кӯтоҳмуддат дар давраи соли буҷетӣ ҷойгир намояд.

8.Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот музди меҳнат, маблағҷудокунӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ, стипендия, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ дохил карда мешавад. Дар сурати зарурат ва мавҷуд будани сарфа аз рӯи моддаҳои дахлдори хароҷот дар ҳолати набудани қарз аз рӯи онҳо раёсати молияи ноҳия метавонад бо тартиби муқарраргардида ва дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар маблағгузоронии моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намояд.

9.Ба маълумот гирифта шавад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018»:

-дар соли 2018 тамоми амалиёти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ, ки тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» гузаронида мешавад, ба тариқи музднок анҷом дода мешаванд. Инчунин аз рӯи ҳама депозитҳои мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ҷойгир карда мешаванд, барои истифодаи онҳо аз ҷониби бонки мазкур бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фоиз дода мешавад.

-аз 1 январи соли 2018 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозотҳои ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёни ё болои), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 50 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

- иҷрои ҳалномаҳои судӣ дар бораи рӯёнидани зарари моддию маънавӣ, ки аз тарафи кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағи сметаи хароҷоти онҳо амалӣ карда мешавад.

10. Ҳисобот оид ба буҷети ноҳия дар соли 2016 аз рӯи даромад ба маблағи 69194583 сомонӣ аз рӯи хароҷот ба маблағи 69073588 сомонӣ бо зиёд будани даромад нисбати хароҷот ба маблағи 120995 сомонӣ тасдиқ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони
халқи ноҳияи Бохтар　　нусха　　Ҷаббори Ғаффор